# Tajik State University of Commerce

## Course name: Circular Economy Fundamentals

## Week 4: Circular Business Models and Value Creation

**Lecturer:** Professor Kadyrova Zarrina Halimovna

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## Номи фан: Асосҳои иқтисоди даврӣ

## МАВЗӮИ 4: Бизнес моделҳои даврӣ ва эҷоди арзиш

**Омӯзгор:** профессор Қодирова Заррина Ҳалимовна

## Нақшаи лексия:

1. Аҳамияти иқтисоди даврӣ дар шароити тағйироти иқтисодии ҷаҳонӣ.
2. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар кишварҳои рушдёфта
3. Рушди иқтисоди даврӣ дар кишварҳои ру ба рушд

Мақсади лексия:

Мақсади асосии ин лексия аз он иборат аст, ки донишҷӯён бо моҳият ва аҳамияти омилҳои ҷаҳонии гузариш ба иқтисоди даврӣ шинос шаванд. Дар доираи лексия, донишҷӯён бояд фаҳманд, ки чаро ҷомеаи ҷаҳонӣ ба модели нави иқтисодӣ рӯ овардааст, кадом омилҳо ин равандро таҳрик медиҳанд ва чӣ гуна ин тағйирот ба рушди устувори кишварҳо таъсир мерасонад. Ҳамзамон, лексия ба ташаккули тафаккури экологӣ ва масъулияти иҷтимоии донишҷӯён равона шудааст.

## Натиҷаҳои интизоршаванда:

Пас аз анҷоми лексия донишҷӯён бояд:

- моҳияти иқтисоди даврӣ ва фарқи онро аз иқтисоди хаттӣ шарҳ дода тавонанд;
- омилҳои асосии ҷаҳонии гузариш ба иқтисоди даврӣ номбар ва таҳлил намоянд;
- таъсири тағйирёбии иқлим ва маҳдудияти захираҳои табииро ба иқтисод дарк кунанд;
- қобилияти андешаронӣ ва баҳогузории равандҳои муосири экологӣ-иқтисодиро инкишоф диҳанд;
- дар бораи зарурати рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист мавқеи асоснок пешниҳод карда тавонанд.

Ин натиҷаҳо ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки донишҳои назариявиро бо воқеияти ҷаҳонии иқтисодӣ пайваст намуда, дар оянда дар қабули қарорҳои дуруст саҳм гузоранд.

## 1. Аҳамияти иқтисоди даврӣ дар шароити тағйироти иқтисодии ҷаҳонӣ

*Мафҳуми иқтисоди даврӣ*

Иқтисоди даврӣ (ё пӯшида) — равиши муосири рушди иқтисодӣ.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамчун модели калидии рушди устувор баррасӣ мешавад.

## *Муқоиса бо иқтисоди хаттӣ*

Модели хаттӣ: истеҳсол → истифода → партофтан

Мушкилоти асосӣ: талафи захираҳо, афзоиши партовҳо

Иқтисоди даврӣ: истифодаи самараноки захираҳо, кам кардани партов

## Ҳадафи иқтисоди даврӣ

- Ҳифзи арзиши захираҳо ва мавод
- Истифодаи онҳо дар тамоми давраи ҳаётӣ
- Кам кардани талафоти иқтисодӣ ва экологӣ

## Муҳимияти гузариш ба иқтисоди даврӣ бо як қатор омилҳо асоснок мегардад:

***Бӯҳрони афзояндаи экологӣ:***

- Афзоиши босуръати партовҳои ҷаҳонӣ
- Истифодаи захираҳо аз имконияти коркарди дубора зиёдтар аст

**Оқибатҳо:** афзоиши партовҳои ҷаҳонӣ ва фишор ба захираҳо, ифлосшавии замин, об ва ҳаво, коҳиши устувории экосистемаҳо, таъсир ба сифати зиндагии инсон.

## ***Маҳдуд будани захираҳои табиӣ:***

- Камшавии захираҳои стратегӣ
- Металлҳои нодири заминӣ дар хатари тамомшавӣ.

**Оқибатҳо:** Афзоиши нархи ашёи хом дар бозори ҷаҳонӣ, вобастагии иқтисодиёт аз воридоти захираҳо, коҳиши устувории истеҳсолот, шиддат гирифтани рақобат барои захираҳо, хавфи қатъшавии занҷираи таъминот (supply chain), фишор ба муҳити зист бинобар истихроҷи шадид.

## ***Тағйирёбии рафтори истеъмолкунандагон.***

- Афзоиши талабот ба маҳсулоти “сабз”
- Истифодаи хизматрасониҳои иҷора, мубодила ва истеъмоли муштарак

- **Таъсир ба бизнес:** тағйири бизнес-моделҳо ва гузариш ба принсипҳои даврӣ

## ***Рӯзномаи байналмилалии рушди устувор***

Иқтисодиёти даврӣ бевосита бо Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид алоқаманд аст:

ҲРУ 12: Истеъмол ва истеҳсолоти масъулона

ҲРУ 10: Коҳиши нобаробарӣ

ҲРУ 14 & 15: Ҳифзи экосистемаҳо ва гуногунии биологӣ

**Натиҷаҳои амалӣ:**

- Фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ
- Стимули рушди иқтисодӣ
- Ташаккули бозорҳои устувор

ва бизнес-моделҳои "сабз"

## Тадбирҳо барои дастгирӣ ва рушди иқтисоди даврӣ

***Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд***

- Таҳияи стандартҳои глобалӣ ва методологияҳои арзёбии занҷирҳои пӯшидаи таъминот
- Пешбурди рушди «сабз» ва навсозии экологӣ

## ***Иттиҳоди Аврупо:***

- «Аҳди сабз» (Green Deal) ва санадҳои марбут
- Нақшаи гузариш ба иқтисоди даврӣ бо:

  - меъёрҳои баланди утилизация (безараргардонӣ) ва истифодаи такрорӣ
  - коҳиши партовҳо

## ***Иқтисодҳои Осиё (Ҷопон, Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ, Чин):***

- Ворид намудани технологияҳои муосири безараргардонӣ ва коркарди такрорӣ
- Эҷоди паркҳои эко-индустриалӣ
- Ташаккули занҷирҳои ҳамгирошудаи идоракунии партов

# Ташаббусҳо ва сиёсати байналмилалӣ

Пешбурди иқтисоди даврӣ бидуни ҳамоҳангсозии байналмилалӣ ғайриимкон аст.

***Созмонҳо ва шаклҳои ҳамкорӣ:***

- Созмони Милали Муттаҳид
- Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд
- G7 ва G20

## Иқтисодиёти даврӣ ҳамчун парадигмаи нави рушди устувор дар сиёсати глобалӣ

- Трансформатсияи моделҳои анъанавии иқтисодӣ
- Консепсияи «closed-loop economy-иқтисодиёти даврӣ»
- Нақши институтҳои байналмилалӣ

## Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ҳамчун меъмори сиёсати ҷаҳонӣ

- СММ — институти марказии танзими равандҳои рушди устувор
- Ташаккули меъёрҳои умумии байналмилалӣ (global governance frameworks-Моделҳои идоракунии ҷаҳонӣ)
- Институтсионализатсияи иқтисоди даврӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ
- Пешбурди ҳамкории бисёрҷониба

# Чаҳорчӯбаи меъёрӣ

- Қатъномаи A/RES/74/224 (2019) «Ба сӯи рушди устувор: мусоидат ба истеъмол ва истеҳсолоти устувор»

- Қатъномаи A/RES/75/213 (2020) «Таъмини дастрасӣ ба манбаъҳои дастрас, боэътимод, устувор ва муосири энергия барои ҳама»



1

1. https://www.un.org/en/our-work/support-sustainable-development-and-climate-action

## Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP) ҳамчун платформаи илмӣ-методологӣ

- UNEP — маркази таҳияи сиёсати ба далелҳо асосёфта
- Ҳисоботи «Дурнамои захираҳои ҷаҳонӣ” (2019): (Global Resources Outlook (2019)):

  - *Таҳлили ҷараёнҳои глобалии маводӣ (global material flows)*
  - *Сенарияҳои гузариш ба иқтисоди самараноки захираҳо*
- Рушди воситаҳои сиёсӣ барои татбиқи иқтисоди даврӣ

## Воситаҳо ва механизмҳои сиёсӣ

- Ҷорӣ намудани харидҳои давлатии «сабз» (Green Public Procurement – GPP)
- Методологияҳои арзёбии экологӣ ва устуворӣ (Environmental and Sustainability Assessment Methods)
- Истифодаи арзёбии давраи ҳаёт (Life-Cycle Assessment – LCA)
- Интегратсияи принсипҳои ESG (Муҳити зист, Ҷомеа ва Идоракунӣ - Environmental, Social, Governance)

## Синергия бо Ҳадафҳои рушди устувор (SDGs)

Иқтисоди даврӣ ҳамчун механизми амалисозии SDGs:

- SDG 12 – Responsible Consumption and Production
- SDG 13 – Climate Action
- SDG 14–15 – Biodiversity & Ecosystem Protection

Таъмини гузариши пайдарпай ба намунаи пасткарбон ва сарфакор

## Таъсири фарогир

- Деметериализатсияи иқтисод - *Кам кардани истифодабарии ашёи хом ва маводҳо дар истеҳсол ва истеъмол. Истифодаи самараноки захираҳо ва коҳиши партов*
- Баланд бардоштани самаранокии захираҳо- *Истифодаи ҳар як воҳиди захира (об, энергия, мавод) бо самаранокии максималӣ. Ҷорӣ намудани технологияҳо ва равишҳои такрорӣ*
- Кам кардани таъсироти берунаи экологӣ - *Ҷорӣ намудани чораҳо барои коҳиши ифлосшавӣ ва зарари муҳити зист .Ҷавобгарии истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда барои оқибатҳои экологӣ*
- Ташаккули иқтисодиёти пасткарбон (low-carbon economy) - *Гузариш ба модели истеҳсол ва истеъмол бо партоби ками* $CO_2$*. Рушди технологияҳои сабз ва коркарди самараноки энергия*

## Саҳми СҲИР дар пешбурди иқтисоди даврӣ

- *Пешбурди равишҳои даврӣ*
- *Дастгирии кишварҳои рушдёфта ва рушдёбанда*

[2]

2. https://landportal.org/organization/organisation-economic-co-operation-and-development-oecd

# Самтҳои асосии фаъолият

- Таҳияи ҳисоботҳои таҳлилӣ
- Идоракунии партовҳо (waste management)
- Сарфаи захираҳо (resource efficiency)
- Сиёсати масъулияти васеи истеҳсолкунанда (EPR) (*масъулияти истеҳсолкунанда (компаниҳо ва заводҳо) дар заминаи идора ва парвариши маҳсулоти худ пас аз истифодаи он, махсусан барои партовҳо ва бозкоркунӣ (recycling) ва кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист. Яъне истеҳсолкунанда на танҳо фурӯш ва истеҳсолро бар дӯш дорад, балки нигоҳдории экологӣ ва идораи партовҳоро низ ба уҳда мегирад).*

# Платформаи ҳамкорӣ

Баргузории форумҳо ва мизҳои мудаввар
Иштироки:

- Ҳукуматҳо
- Бахши хусусӣ
- Коршиносон

Мубодилаи таҷриба дар:

- Қонунгузории экологӣ
- Технологияҳои коркарди дубора

## Аҳамият барои кишварҳои рӯ ба рушд

- Имкониятҳои нав барои гуногунсозии иқтисод
- Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо
- Аҳамияти махсус барои минтақаҳо мисли Осиёи Марказӣ

# G7 ва G20: шаклҳои ҳамкории глобалӣ дар иқтисодиёти даврӣ

- Нақши форумҳои иқтисодии байналмилалӣ
- Ҳамоҳангсозии сиёсати «сабз»
- Пешбурди иқтисоди даврӣ




3

3. https://www.boell.de/en/g7-and-g20-global-governance-landscape

## Самтҳои асосии ҳамкорӣ

- Коҳиши ифлосшавии пластикӣ (plastic pollution reduction)
- Густариши коркарди дубора (recycling systems)
- Пешбурди рушди «сабз» (green growth)
- Идоракунии устувори захираҳо

## G7 – пешсафони сиёсати даврӣ

- Кишварҳои пешрафта бо таҷрибаи институтсионалӣ
  - Олмон
  - Ҷопон

Самтҳои фаъолият:

- Таҳияи заминаи ҳуқуқӣ
- Ҷорӣ намудани технологияҳои даврӣ
- Сиёсатҳои экологӣ дар сатҳи миллӣ

# G20 – платформаи фарогири глобалӣ

- Дарбаргирандаи иқтисодҳои пешрафта ва рушдёбанда
- Муҳокимаи иқтисоди даврӣ дар заминаи:
  - Инноватсия
  - Афзоиши рушди иқтисод
  - Коҳиши хавфҳои экологӣ

Таваҷҷуҳ ба **рушди фарогир ва устувор**

## 2. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар кишварҳои рушдёфта

Иттиҳоди Аврупо (ИА): баррасии «Аҳди сабз», дастурҳо ва стратегияҳои миллӣ

**Моҳияти «Аҳди сабз»**

Нақшаи стратегии трансформатсияи иқтисодӣ

Ҳадафҳо:

- Бетарафии иқлимӣ (climate neutrality)
- Коҳиши партовҳои карбон
- Ҳифзи гуногунии биологӣ

*Гузариш ба* ***иқтисоди даврӣ ва самараноки захираҳо***

*Нигоҳ доштани рақобатпазирии ИА*

# Бастаи «Fit for 55»
# (Барномаи мувофиқсозӣ барои коҳиши 55% партовҳои газҳои гулхонаӣ)

Пешниҳод: 2021 | Тасдиқ: 2023
Ҳадаф: Коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ то 55% (то соли 2030)
Чораҳои асосӣ: Густариши EU ETS (ба нақлиёт ва гармидиҳӣ)
Ҷорӣ намудани Механизми Танзими Карбон дар Сарҳадҳо (CBAM)
Баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ

## Нақшаи амал оид ба иқтисодиёти даврӣ (CEAP)

Қабул: 2020

Татбиқи принсипҳои даврият дар тамоми давраи ҳаёти маҳсулот

***Самтҳо:***

- Дизайн ва таъмирпазирии маҳсулот
- Афзоиши истифодаи маводи коркардашуда
- Коҳиши партовҳо

## Соҳаҳои афзалиятнок (CEAP)

- Электроника ва батареяҳо
- Бастабандӣ
- Нассоҷӣ
- Сохтмон

***Ҳадаф:***

- Дароз кардани муҳлати (давра) истифодаи захираҳо
- Пешгирии пайдоиши партовҳо

## Стратегияи «Zero Pollution» (ифлосшавии сифр)

*Коҳиши ифлосшавии:*

- Ҳаво
- Об
- Хок



4

Тадбирҳо:

- Меъёрҳои қатъии сифати ҳаво
- Кам кардани пестисидҳо
- Манъи пластикаи яккаистифода

Ҳифзи экосистема ва био гуногунӣ

## Стратегияҳои миллӣ

**Олмон**

*Қонуни иқтисодиёти даврӣ (KrWG)*

*Идоракунии партовҳо*

**Фаронса**

*Декарбонизатсияи саноат*

*Самаранокии энергетикӣ*

**Нидерландия**

*Иқтисодиёти пурраи даврӣ то 2050*

*Истифодаи такрории захираҳо*

4. https://www.facebook.com/ZeroPollutionCampaign/

## Ҷопон – рушди таърихии қонунгузории иқтисодиёти даврӣ

- Оғоз: солҳои **1970-ум** (бӯҳрони энергетикӣ)
- Самт: баланд бардоштани **самаранокии энергия ва захираҳо**

***Қонунҳои калидӣ:***

- **1991** – Қонун оид ба истифодаи самараноки захираҳо
  - Коҳиши вобастагӣ аз нафт
  - Афзоиши коркарди дубора
- **2000** – Қонуни асосӣ оид ба ҷомеаи даврӣ
  - Муайянсозии принсипҳои иқтисоди даврӣ

***Механизми муҳим:***

- **Extended Producer Responsibility (EPR)**
  - Масъулияти васеи истеҳсолкунанда барои давраи пурраи ҳаёти маҳсулот

## Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ – сиёсати муосири иқтисоди даврӣ

- Ташаккули **низоми муттаҳиди идоракунии партовҳо**
- Татбиқи фаъолонаи коркарди такрорӣ ва истифодаи такрорӣ

***Қонунгузорӣ:***

- Қонуни нав (2025):
  - Пешбурди ҷомеаи иқтисоди даврӣ
  - Талабот ба маҳсулоти устувор
  - Бастабандии экологӣ

***Хусусиятҳо:***

- Интегратсияи сиёсати экологӣ ва саноатӣ
- Дастгирии инноватсия ва технологияҳои «сабз»

## Кишварҳои рӯ ба рушд ва иқтисоди даврӣ

*Ҷорикунандагони фаъол:*

- Чин
- Ҳиндустон
- Африқо
- Америкои Лотинӣ

*Ҳадафҳо:*

- Ҳалли мушкилоти экологӣ
- Баланд бардоштани самаранокии захираҳо
- Ҳавасмандсозии рушди иқтисодӣ

## Лоиҳаҳо ва таҷрибаҳои калидӣ

- ***Чин***
  - Нақшаи 15-ум (2025 –2030)
  - Рушди коркарди такрорӣ ва аз нав истеҳсол кардан
  - Паркҳои эко-индустриалӣ
- ***Ҳиндустон***
  - Коркарди партовҳои электронӣ (e-waste)
  - Истифодаи платформаҳои рақамӣ
- ***Африқо ва Амрикои Лотинӣ***
  - Корхонаҳои иҷтимоӣ
  - Барномаҳои расмии ҷамъоварии партовҳо

## **Монеаҳои асосӣ**

- Норасоии сармоягузорӣ
- Камбуди инфрасохтори коркарди партовҳо
- Қонунгузории суст
- Огоҳии пасти аҳолӣ

***Омилҳои беруна:***

- Тағйироти сиёсати иқлимии глобалӣ
- Камшавии дастгирии байналмилалӣ

# Механизмҳои дастгирӣ

- Саҳмияҳои сабз **(**Green Bonds) (бозор > 600 млрд $)
- Молиягузории омехта (Blended Finance)
- Дастгирии:
    - Бонки Ҷаҳонӣ
    - Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд
    - Бонки Осиёии Рушд

***Дастгирии сиёсӣ:***

- EPR (Extended Producer Responsibility - масъулияти васеи истеҳсолкунанда)
- Имтиёзҳои андозӣ
- Харидҳои «сабз»
- Стандартҳои устуворӣ

# Имкониятҳо барои Осиёи Марказӣ

- Диверсификатсияи иқтисодиет
- Рушди соҳибкорӣ ва инноватсия
- Эҷоди ҷойҳои корӣ

***Технологияҳои калидӣ:***

- Платформаҳои рақамӣ
- Арзёбии давраи ҳаёт ва блокчейн(LCA ва blockchain)
- Истеҳсоли дубора
- Биоиқтисод

**Хулоса:** Иқтисодиёти даврӣ — ***парадигмаи рушди устувор***

Талаб мекунад:

- *Сармоягузорӣ*
- *Ислоҳоти сиёсӣ*
- *Ҳамкории байналмилалӣ*

# Адабиёт

1. European Commission. A new Circular Economy Action Plan. – 2020.
2. Ellen MacArthur Foundation Completing the Picture: How the Circular Economy Tackles Climate Change. – 2019.
3. United Nations Environment Programme Global Resources Outlook. – 2019.
4. OECD Business Models for the Circular Economy. – 2020.
5. OECD The Economic and Environmental Benefits of Circular Economy Policies. – 2020.
6. United Nations Transforming our world: the 2030 Agenda for Sustainable Development.
7. United Nations General Assembly Resolution A/RES/74/224. – 2019.
8. United Nations General Assembly Resolution A/RES/75/213. – 2020.
9. McKinsey & Company. Financing the Circular Economy: Capturing the $1 trillion opportunity. – 2021.
10. Ghufran, M. et al. Circular economy in developing countries for sustainable development: A review // Journal of Infrastructure, Policy and Development. – 2024.
11. Barriers & Drivers towards a Circular Economy, Literature Review, A-140315-R-Final, March 2015

**Ташаккур ба диққататон!**